УДК 314.748
ББК

**ДОИР БА БАЪЗЕ АЗ ПРОБЛЕМАҲОИ МУҲОҶИРОНИ МЕХНАТӢ ДАР ФЕДЕРАТСИЯИ РУСИЯ ҲАНГОМИ ПАНДЕМИЯИ COVID-19**

***Хонходжаев Фаррух Тошходжаевич** - номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти Институти мартабаи касбӣ, довталаби доктории Институти тадқиқоти демографии Академияи илмҳои Русия, ш. Москва, e-mail: h.farr@yandex.ru*
***Акрамов Шариф Юлдошевич** - номзади илмҳои сиёсатшиносӣ, тадқиқотчии пешбари Институти тадқиқоти демографии Академияи илмҳои Русия, ш.Москва, e-mail: sharif_akram@rambler.ru*

**О НЕКОТОРЫХ ПРОБЛЕМАХ ТРУДОВЫХ МИГРАНТОВ В РОССИЙСКОЙ ФЕДЕРАЦИИ В ПЕРИОД ПАНДЕМИИ COVID-19**

***Хонходжаев Фаррух Тошходжаевич** - кандидат экономических наук, доцент АНО Института деловой карьеры, соискатель Института демографических исследований (ИДИ) ФНИСЦ РАН, Москва, Россия, e-mail: h.farr@yandex.ru*
***Акрамов Ш. Ю.** - кандидат социологических наук, ведущий научный сотрудник ИДИ ФНИСЦ РАН, Москва, Россия, e-mail: sharif_akram@rambler.ru*

**ON SOME PROBLEMS OF LABOR MIGRANTS IN THE RUSSIAN DURING THE COVID-19 PANDEMIC**

***Farrukh T. Khonkhodzhaev** - Candidate of Economics, Associate Professor, ANO Business Institute, Doctoral Student at the Institute for Demographic Research (IDR) FCTAS RAS, Moscow, Russia, e-mail: h.farr@yandex.ru*
***Sharif Yu. Akramov** - Candidate of Sociological Sciences Leading Researcher at the Institute for Demographic Research (IDR) FCTAS RAS, Moscow, Russia, e-mail: sharif_akram@rambler.ru*

***Калидвожаҳо:** муҳоҷирати меҳнатӣ, муҳоҷирони меҳнатӣ, мушкилоти муҳоҷират, муҳоҷирати бозбаргашт, пандемия, Тоҷикистон, Русия.*

*Дар маколаи мазкур оид ба проблемаҳои муҳочирони мехнатӣ, ки тули солҳои дароз (зиёда аз ду-се дахсола) дар Русия кор мекунад ва маҷбуран ё аз сабаби корношоям шуданашон ба ватанашон баргаштаанд бахшида шудааст. Ғайр аз ин доир ба сохтори системаи муҳоҷират нишон дода шудааст, ки чи гуна кор мекунад. Тадқиқот ба давраи пандемияи COVID-19 рост омад, ки марзҳои Русия барои муҳоҷирони меҳнатӣ баста шуданд ва вазъи иқтисодию иҷтимоии онҳо ҳам дар Ватан ва ҳам дар Русия бадтар гардид.*

***Ключевые слова:** трудовая миграция, трудовые мигранты, проблемы миграции, возвратная миграция, пандемия, Таджикистан, Россия.*

*В статье рассматриваются проблемы трудовых мигрантов, работающих и проработавших много лет (более двух-трех десятилетий) в России и вынужденных вернуться на родину, либо добровольно, либо принудительно. В статье также показано функционирование и структура миграционной системы России. Исследование проведено в период начала пандемии COVID-19, когда границы России были закрыты для трудящихся-мигрантов и их социально-экономическое положение ухудшилось как дома, так и в России.*

***Key words:** labor migration, labor migrants, migration problems, return migration, pandemic COVID-19, Tajikistan, Russia.*

*The article examines the problems of labor migrants who work and have worked for many years (more than two to three decades) in Russia and who are forced to return to their homeland, either voluntarily or forcibly. The article also shows the functioning and structure of the migration system in Russia. The study was*

*conducted during the onset of the COVID-19 pandemic, when the borders of Russia were closed to migrant workers and their socio-economic situation deteriorated both at home and in Russia.*

Ҷалби муҳоҷирони меҳнатӣ аз Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Федератсияи Россия ба як падидаи паҳншуда ва назаррас мубаддал гардид. Чӣ тавре, ки таҳқиқотҳо нишон медиҳанд, муҳоҷирати меҳнатӣ барои Тоҷикистон ҳамчун омили асосии рушди иқтисодӣ ва механизми мубориза бо камбизоатӣ ба шумор меравад. Аз ин сабаб ҳамагуна тадбирҳое, ки аз ҷониби Русия дар сиёсати муҳоҷиративу танзими соҳаи муҳоҷират андешида мешавад барои ҳаёти иҷтимоию иқтисодӣ ва сиёсии ҷомеаи Тоҷикистон таъсиррасон мебошанд.

Дар Тоҷикистон бошад ба муҳоҷирати меҳнатии беруна такя ва ҳавасмандгардонии ҳамаҷиҳата ба назар меравад. Ҳарчанд тадриҷан мақомоти Тоҷикистон кӯшиш мекунанд, ки ҷуғрофияи содироти муҳоҷирати меҳнатиро ба кишварҳои гуногун васеъ гардонад ва самтҳои нави муҳоҷирати меҳнатии шаҳрвандони Тоҷикистон ба монади кишварҳои Қатар, Аморати Араб ва хатто ба Ҷопону Ҷумҳурии Корея, Туркия. инкишоф дихад. аммо то ҳол самти асосии мухочирати мехнатӣ Русия ва Қазоқистон боқӣ мемонанд.

Новобаста аз он, ки байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия созишномаҳои сершумор баста шудааст ва инчунин эъломи Русия, ки сиёсати муҳоҷиратиаш барои боз ҳам зиёдтар қабул кардани муҳоҷирони меҳнатиро аз ҷумҳуриҳои собиқ шуравӣ дар назар гирифтааст (Консепсияи сиёсати муҳоҷират то соли 2025 [1]), аммо таҷриба нишон медихад, ки сиёсати муҳоҷиратии барасмиятдарорихо вазъи муҳоҷирони меҳнатӣ, аз ҷумла шаҳрвандони Тоҷикистонро ба таври назаррас душвор мекунад.

Яке аз ҳассостарин аз чораҳои ҷорикардашуда нисбати муҳоҷирони меҳнатӣ, ин татбиқи ҷазои маъмурӣ тавассути ихроҷ ва манъи вурудшавии онхо ба худуди Федератсияи Русия гардид. Ин чорахо инчунин сабаби афзоиши сафи муҳоҷирони тоҷик ба ватани худ гардид. Бояд кайд кард, ки дар тӯли даҳсолаҳои охирон проблемаи бозгашт ва ҳамгироии муҳоҷирони меҳнатии Тоҷикистони аз мавзуъхое ба шумро мераванд, ки ба таври васеъ омӯхтанашуда ва таъхирнопазир боқӣ мемонад.

**Усулҳои тадқиқот.** Ҳадаф аз омӯзиши ин мавзуъ инъикоси тамоюлҳои такроршавандаи муҳоҷирати бозбаргашти (ихтиёриву маҷбурӣ) аз Русия ба Тоҷикистон ва хусусиятҳои реинтегратсияи муҳоҷирони бозгашта ба ҷомеаи Тоҷикистон буд. Барои ноил шудан ба ҳадафҳо мо вазифаҳои зеринро иҷро намудем:

- махфуми «муҳоҷирони бозгашта» аниқ карда шуд;
- сабабҳои бозгашти муҳоҷирони корӣ аз Русия ба Тоҷикистон муаяйн карда шуданд;
- хусусиятҳои реинтегратсия ва вазъи иҷтимоию иқтисодиимуҳоҷирони бозбаргашта дар Тоҷикистон муайян карда шуд.

Дар ҷараёни омӯзиш мусоҳибаҳо бо коршиносон ва муҳоҷирон дар Маскав, вилояти Маскав ва Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида шуданд. Бо сабаби хуруҷи пандемияи COVID-19, як қисми пурсиш байни муҳоҷирони меҳнатии депортшуда / аз мамлакати хориҷшуда ба шакли дисстанционӣ гузаронида шуд. Гарчанде ки таҳқиқот ба муҳоҷирати бозбаргашти шаҳрвандони Тоҷикистон бахшида шуда буд, инчунин барои боэътимодии иттилоот, бо шаҳрвандони Ӯзбекистон мусоҳиба гузаронида шуд (зеро шаҳрвандони Ӯзбекистон ва Тоҷикистон якҷоя кор мекунанд ва парвандаҳои онҳо аксар вақт хамчоя дар "Суди дастаҷамъӣ" [2. С.119], баррасӣ мешаванд ва бо қарори судҳои Русия ба ватани худ баргаштанд (бо 12 шаҳрванди Ҷумҳурии Ӯзбекистон ва 43 шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз Федератсияи Россия депортатсия карда шуданд, мусоҳиба гузаронида шуд). Ғайр аз он, ҳисоботи ташкилоти ҷамъиятии «Кумитаи кӯмаки шаҳрвандӣ», ки дар омузиш ва таҳлили мушкилоти ихроҷшудагон ва ҳимояи ҳуқуқи муҳоҷирон фаъолона иштирок мекунад, омӯхта шуданд. Барои омӯхтани амиқи масъалаҳои ихроҷи шаҳрвандони хориҷӣ ва тамоюлҳои бозгашти муҳоҷират аз Русия ба Тоҷикистон омори расмии мақомоти давлатии Федератсияи Русия ва консулгариҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Маскав ҷамъбаст карда шуд.

Мутаассифона, баъзе маълумтохои омории вобаста ба мухочирони мехнатии шахрвандони Точикистонро аз ВКД Русия, ва аз Консулгарии Ҷумҳурии Тоҷикистон дастрас карда натавонистем (Вазорати корҳои дохилии Русия омори хоричшудагонро нашр намекунад, додани чунин маълумотро Консулгарии Ҷумҳурии Тоҷикистон раъд кард), вобаста ба ин маълумотҳоро мо аз гузоришҳои ВАО ва ҳисоботхои ташкилотҳои ҷамъиятӣ ҷамъоварӣ

кардем. Инчунин, барои навиштани ин макола сарчашмахои муаллифони хориҷӣ ва ватанӣ асос гардиданд [3; 4; 5; 7; 8; 9].

Дар маколаи зер чунин маъфумхои муҳоҷирати бозбаргашта истифода шудааст: муҳоҷири меҳнатӣ, шаҳрванди Тоҷикистон, ки қаблан дар Русия зиёда аз як сол кор карда, баъдан ба Тоҷикистон ихтиёран ва ё ғайриихтиёрӣ баргаштааст. Дар маколаи зер чунин маъфумҳои муҳоҷирати бозбаргашта истифода шудааст: муҳоҷири меҳнатӣ, шаҳрванди Тоҷикистон, ки қаблан дар Русия зиёда аз як сол кор карда, баъдан ба Тоҷикистон ихтиёран ва ё ғайриихтиёрӣ баргаштааст.

Категорияи ҳуқуқии "ихроҷгардида" ва "депортатсия". Фарқиятҳои асосии ин махфумхо аз якдигар дар асос ва расмиёт мебошанд, яъне:

- **хориҷ кардан,** ин як намуди ҷазои маъмурист ва он танҳо бо қарори суд амалӣ карда мешавад;

- **депортатсия** - дар асоси қарори шахси мансабдори макомоти муҳоҷирати Русия ё хадамоти сарҳадӣ («ФСБ»-и Русия) анҷом дода мешавад.

Саҳми таҳқиқоти мазкур дар муайян кардани мушкилоти муҳоҷирони меҳнати, ки шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон хастанд, ва ба категорияи бозгаштагон дохил карда шудаанд ва мушкилоти мутобиқшавӣ ва реинтеграция дар бозори меҳнати ватанӣ рӯ ба рӯ шуданд, баён мегардад.

**Натиҷаҳои таҳқиқот.** Муҳоҷирони меҳнатии ба Тоҷикистон бозгашташударо ба ду категория/гурӯҳ тақсим кардан мумкин аст:

- ихтиёран баргаштагон (ба хоҳиши худ бо сабаби аз кор хаста шудан, бемор шудан, сабабхои оилави ва дигар сабабҳо ба ватан баргаштанд);

- маҷбурӣ баргардонида шудааст (депортатсия, бадарға).

Тақрибан 80%-и муҳоҷирони меҳнатии Тоҷикистониро ба гурухи ихтиёран баргаштагон шомил донистан мумкин аст. Одатан, онҳо аз шаш моҳ то як сол (дар баъзе холатхо зиёда аз ин ҳам) дар мухочират кор мекунанд ва сипас ба ватани худ бармегарданд, аммо пас аз танаффуси кӯтоҳ дубора ба чустучуи кор ба Русия мераванд. Онҳоро шартан ба ду гурӯҳ тақсим кардан мумкин аст: гурухи якум ин коргарони муваққатӣ ё мавсимианд, ки ҷараёни онҳо дар баҳор ва тобистон, вақте ки дар Русия корҳои мавсимии хоҷгии қишлоқ ва сохтмон оғоз меёбад, меафзоянд. Ин гурухи мухочирони мехнатӣ тирамоҳ ба хона бармегарданд. Тибқи ҳисобҳои тахминӣ, дар баъзе минтақаҳои Русия тоҷикон тақрибан 75-80% -и коркунони мавсимиро ташкил медиҳанд. Гурӯҳи дуюми муҳоҷирони Тоҷикистонӣ онҳое мебошанд, ки муддати тӯлонӣ дар Русия кор мекунад [6]. Мо қарор додем, ки ин аксариятро аз ин гурӯҳи ихтиёран баргаштагон хориҷ кунем, зеро онхо дар тӯли солҳои зиёд дар Федератсияи Русия фаъолият мебаранд ва барои муҳоҷирон Русия ба кишвари асосии корфармо (кордех) табдил ёфтааст ва Ватан-Тоҷикистон бошад ҳамчун ҷои рухсатии ҳарсола мебошад. Муҳоҷирони меҳнатӣ ба ватанашон дар аксари холатхо танҳо дар вакти рухсатӣ мераванд. Аз ин рӯ, мо ҳамчун категорияи муҳоҷирони ихтиёрӣ баргаштагонро, аз катори ҳамон шахсоне, ки бо сабаби ихтилоли ҷисмонӣ (синни нафақа) ихтиёрӣ баргаштаанд ва онҳое, ки танҳо бо сабабҳои дигар (маҷбурӣ) ба ватан бармегарданд, мешуморем. Чунин (гурухи) муҳоҷирони меҳнатии ихтиёран баргаштагон дар се даҳсолаи муҳоҷирати меҳнатӣ кам нестанд. Тибқи гузориши ниҳоии соли 2015-и Хадамоти федералии мухочирии Русия шумораи шахрвандони хориҷие, ки дар Россия кор мекунанд чунин аст: синни 50-59 сола 6,2%, синни 60 ва аз он боло дошта - 0,3%-ро ташкил медихад. Барои шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ин нишондиҳандаҳо шабеҳ буда тақрибан 10 ҳазор нафарро дар як сол ташкил медиханд. Мушкилоти муҳоҷирони бозбаргаштагон дар он аст, ки онҳо на дар ватани худ ва на дар Русия нафақа намегиранд, гарчанде ки солҳои тӯлонӣ дар Русия кор мекарданд, андоз месупориданд ва пули ҷамъшударо ба хона мефиристоданд. Мутаассифона, то ҳол дастгирии иҷтимоии чунин муҳоҷирони меҳнатӣ ҳалношуда боқӣ мондааст. Танҳо соли 2016 байни Тоҷикистону Русия лоиҳаи созишномаро дар бораи танзими нафақаи муҳоҷирони меҳнатии тоҷик муҳокима ва омода карданд, аммо ҳатто дар соли 2020-2021 ҳуҷҷатҳо имзо нашудаанд.

Дар ҳоле ки байни ҳукуматҳои ду кишвар мулоқотҳову гуфтушунидҳо, ваъдаҳои оммавӣ дар бораи зудтар ҳал кардани масъала мераванд, муҳоҷирони кории бозбаргашта роҳи наҷотро танхоёна меҷӯянд. Аксарияти пурсидашудагон (130 нафар – ҳамаи онхо собиқ муҳоҷирони меҳнатӣ, ҳоло дар синни нафақаанд) изҳор доштанд, ки онҳо даромад надоранд ва худро

таъмин карда наметавонанд. Онҳо гирифтани макоми хуччати «иҷозат барои истиқомат» ва ё шаҳрвандии Русияро яке аз роҳҳои ҳалли мушкилоти худ мехисобанд.

Гарчанде ки гирифтани макоми «иҷозат барои истиқомат» ва шаҳрвандии Русия як раванди мушкил аст, онҳо дар ҷустуҷӯи роҳҳои гуногуни ҳалли масъала ҳастанд, аз ҷумла бо истифодаи барномаи Руссия, ки барои кучида рафтан ба ин кишвар шахрвандони пешинаи ҳамватанонро хавасманд мекунад.

Хар сол даҳҳо ҳазор шаҳрвандони Тоҷикистон аз ин барномахо истифода намуда (дар 2018 - 35,7 ҳазор нафар, соли 2019 - 44,7 ҳазор нафар, дар нимсолаи аввали соли 2020 - 31,3 ҳазор нафар) шаҳрвандии Федератсияи Русияро сохиб мегарданд.

Соли 2018 беш аз 10 ҳазор шаҳрванди Тоҷикистон ба Фонди нафақаи Федератсияи Русия барои дарёфти нафақа (тибқи Созишнома аз 13 март) 1992) муроҷиат карданд. Ин далел нишон медиҳад, ки онҳо аллакай шаҳрванди ё макоми «Иҷозат барои истиқомат»-и (тибқи қонунгузории Федератсияи Русия, шаҳрвандоне, ки мақоми истиқомати истиқоматиро доранд метавонанд дар Русия нафақа гиранд) Русияро доранд. Мувофиқи маълумоти рӯзномаи "AsiaPlus" соли 2019 Тоҷикистон додани нафақаро ба 4,6 ҳазор нафар маъюбон қатъ кард ва аз соли 2014 инҷониб - барои 17,7 ҳазор нафар. Барои оғози дубора гирифтани нафақа, ин одамон бояд аз сари нав муоинаи такрории тиббиро дар Хадамоти давлатии экспертизаи тиббию ичтимоӣ гузаранд. Давлат кӯшиш мекунад, ки хароҷоти иҷтимоиро ба души худи шаҳрвандон гузорад ва хароҷотхои ичтимоии давлатиро ба ҳадди ақал коҳиш диҳанд. Дар айни замон дар Тоҷикистон такрибан 700 ҳазор нафақахӯрон мавчуданд, ки нафакаи миёнаи онхо 315 сомониро (тақрибан 31 доллар) ташкил медихад.

Гурӯҳи дуввуми муҳоҷирони бозгаштаро, онҳоеро, ки маҷбуран ба ватан баргардонида шударо дида мебароем. Теъдоди ин гурӯҳи муҳоҷирони бозбаргашташуда мӯътадил нест ва тағирёбии шумораи онхо бо ягон ходисахое, ки бо муҳоҷирон вобаста аст пайвастагӣ дорад. Зеро ходисахо дар ВАО тавассути мубоҳисаҳо актуалӣ гардида норозигии мардуми тахчоиро ба миён меоранд ва дар чавоб, макомотхои давлатӣ чораҳои махдудкуниро меандешанд. Яке аз ин амалҳо сахттар кардани чораҳои танзим ва назорати муҳоҷирати меҳнатӣ дар Русия мебошад, ки он соли 2013 пас аз ворид намудани тағирот ба Кодекси хуқуқвайронкунии маъмурӣ, барои вайронкунандагони моддахои ин конун, манъи вуруд ба қаламрави кишварро барои 5 сол ҷорӣ карданд. Вобаста ба татбиқи чунин сиёсати муҳоҷират, дар тӯли 5 соли охир зиёда аз 300 ҳазор нафар шахрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон аз Федератсияи Россия ба мӯҳлати аз 3 то 5 сол ба ватани худ бадарға карда шуданд. (Расми 1).

Таҳлили сарчашмахою маълумотҳо нишон медиҳанд [2; 9], ки сабабҳои депортатсияи муҳоҷирони меҳнатӣ аз Русия гуногунанд. Ҳарчанд аксари ходисахои бадарғакунӣ бо вайрон кардани режими будубош вобастагӣ доранд, ки ин асосан набудани бақайдгирӣ дар ҷои будубош ё набудани патент мебошад.

Хамингуна ва боз дигар қонунвайронкунихои хурд, аз қабили набудани суғуртаи тиббӣ, кор кардан дар ихтисоси дигар (гирифтани иҷозатномаи кор дар як ихтисос ва анҷом додани кори дигар, хамчун кори ғайриқонунӣ ҳисобида мешуд) сабабхои ихроҷкунӣ ва манъи вурудшавӣ ба Русия сабаб мегардиданд.

Хамчунон мухочирони мехнатӣ барои ҳама гуна хукуквайронкунии маъмурӣ (ҷарима барои садамаҳои нақлиётӣ, вайронкунии ҳаракат дар роҳ ва ғ.) хориҷ карда мешунад. Хатто холатхое хастанд, ки муҳоҷирон барои қарздории ҳисоби телефони мобилӣ депортатсия шудаанд.

Мушкилоти вазъи муҳоҷирон дар боздоштгоҳҳои муваққатии барои шаҳрвандон хориҷӣ (Маркази боздоштгохи мувакkатии шахрвандони хориҷӣ МБМШХ ё ЦВСИГ-) дар Федератсияи Русия сазовори таваҷҷӯҳи махсус мебошанд. МБМШХ ин муассисаест, ки дар он шаҳрвандони хориҷӣ ихроҷи маъмурии худро интизор мебошанд (то пайдо шудани имконият, то он даме, ки хешовандон ва ё наздиконашо барои онҳо чипта барои баргаштан харанд ё, дар ҳолатҳои хеле нодир, онҳо аз ҳисоби буҷаи Федератсияи Русия ба ватан фиристода мешаванд).

Дар Маскав ду марказ барои 1400 нафар, дар саросари Русия бошад 76 МБМШХ мавҷуданд, ки онхо доимо бо шаҳрвандони Тоҷикистон ва Узбекистон пуранд. Мутаассифона, дар чунин марказҳо, муҳоҷирон метавонанд хатто якчанд солҳо ихроҷи худро интизор шаванд. Эҳтимол дар чунин марказхои муввакатӣ нигоҳ доштани одамон судмандтар аз бадарғакунӣ аст, гарчанде, ки нигоҳдории ҳар як шахрванди хориҷие, ки депортатсияашро интизор аст, ихроҷи ӯ ба бюджети давлатӣ тақрибан 20 ҳазор рублро, аммо худи депортация бошад то 40 ҳазор рублро ташкил медиҳад [16]. Мувофиқи маълумоти агентии иттилоотӣ "Мухочиринфо" дар мархилаи аввали пандемияи COVID-19 (аз 19 май то 30 майи соли 2020) мақомоти

Точикистон 680 шахрванди Тоҷикистонро аз аз марказхои мuваккатии боздошташавӣ ба ватани худ баргардонданд. [17].

Аз руи маълумотхои ҳомиёни ҳуқуқи башари тоҷик, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва гуфти худи муҳоҷирони меҳнатӣ, ҳангоми ташкили содирот аз Русия ба ватан харочотхои зиёд ба души онхо мефароя (чиптаҳои ҳавопаймо 300-400 евро, озмоишҳо барои COVID-2,5 ҳазор рубл) ва бозбаргашти муҳоҷирон аз чунин марказҳо шиддати иловагиро дар бозори меҳнати ватан ба вуҷуд меоранд.

Гарчанде ки байни Тоҷикистону Русия муносибатҳои наздики иқтисодию сиёсӣ мавҷуданд ва созишномаҳои зиёде, аз ҷумла дар бораи муҳоҷират имзо карда шудаанд, аммо онҳо дар амалия ба пурраги кор намекунанд. Ҷумҳурии Тоҷикистон бештар аз Федератсияи Россия вобастагӣ дорад, ва наметавонад риояи муқарраротии созишномаҳоро талаб намояд. Баробари ин барои институтҳои хукмрони Русия сахттар кардани қонунгузории муҳоҷират ба як василаи ҳалли сиёсати хориҷӣ ва мушкилоти геополитикӣ табдил ёфтааст. Чунин ҳолат солҳои зиёд боки мемонад, вақте, ки дар гуфтушуниди Русияву Тоҷикистон ихтилофот ба вуҷуд меомаданд, ё дар лахзахое, ки Русия аз ягон ташаббусҳои Тоҷикистон норозӣ аст, пас мавҷи депортатсияи муҳоҷирон оғоз меёбад (ба мисол "парвандаи летчикхо")[10,11].

Сипас, пас аз дархостҳои Тоҷикистон ва гуфтушунидҳо, ҷониби Русия каме сабукӣ медиҳад. Масалан, Федератсияи Русия соли 2017 "афви муҳоҷират" гузаронид, ки тибқи он зиёда аз 100 ҳазор муҳоҷирони меҳнатӣ, ки қаблан ба "рӯйхати сиёҳ"-и Русия шомил буданд авф карда шуданд (12 ҳазор нафари онҳо ба мӯҳлате зиёда аз 10 сол бо сабаби ба даст овардан ва патентҳои бардурӯғ ва дигар ҳуҷҷатҳои ихроҷиро истифода карда будаанд, тақрибан 5 ҳазор нафар шаҳрвандони Тоҷикистон, ки дар давоми будубошашон дар қаламрави Русия дар онхо бемориҳои сироятнок муайян карда шуданд, абадан аз ҳаққи вуруд ба Русия маҳрум гаштанд. Ҳамаи онҳо аз рӯйхат хориҷ карда шуданд ва имкони дубора ворид шудан ба Федератсияи Россияро ба даст оварданд (Маълумотнома) "AsiaPlus" [12]). Аммо афви соли 2017 асосан барои нисбати мухочирони мехнатие, ки дар қаламрави Федератсияи Россия карор доштаанд ва мӯҳлати бакайдгириашон таъхир шудааст, патентҳои пардохтнакарда доштаанд сурат гирифт. Бокимонда мухочироне, ки (такрибан 250 хазор нафар) ба онхо роҳ барои онҳо баста аст тули солҳои дароз интизори авф хастанд.

**Дастгирии иҷтимоии муҳоҷирони бозгашта дар Тоҷикистон.** Масъулияти дастгирии иҷтимоии давлатиро дар назди ҷомеа, аз ҷумла дар назди муҳоҷирони бозбаргашташуда бахогузори намудан хеле душвор аст. Чораҳои дастгирикунандаи давлатӣ барои мухочирони бозбаргашта чӣ гуна аст ва он чи тавр ба амали мегарданд? Мо ин саволро ба пурсишномаи худ, ки байни мухочирони бозбаргашта гузаронидем, дохил кардем. Натиҷаи посухҳо нишон доданд, ки чораҳои андешидаи ҷониби Тоҷикистон, аз чумла чорахои вобаста бо таъмини кор ночиз аст. Хангоми мурочиат ба мақомотхои давлатӣ онҳо танҳо пешниҳоди бозомӯзии пулакӣ мегиранд, аммо пас аз хатми ин курсҳои кутохмуддат, онҳо бояд мустақилона кор биҷӯянд ва давлат наметавонад онҳоро бо ҷои корӣ, маоши муносибе, ки ба хороҷотхои зиндагӣ ҷавобгӯ бошад, пешниҳоду таъмин кунад.

Ҳамин тавр, тибқи маълумоти расмии соли 2018, мақомоти Тоҷикистон (вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли ахоли) барои бозомӯзӣ 1462 нафар саҳм гузоштанд ва 812 нафар бо кори доимӣ таъмин карда шуданд [13]. Ин нишондиҳандаҳо хеле ночизанд, зеро танҳо соли 2018 шумораи шахрвандони Тоҷикистон, ки вуруди онҳо ба Русия манъ карда шудааст ба 220 ҳазор нафар ва дар соли 2020 ин рақамҳо дар доираи 200 ҳазор нафар боқӣ монданд.

Пурсишҳо нишон медиҳанд, ки шахсони қаблан хориҷшуда (депортатсияшуда) наметавонанд оиди вазъи макоми хукукии худ, ки «оё онҳо ба қаламрави Федератсияи Русия ворид шуда метавонанд ба ё не? Оё онҳо пас аз ба охир расидани мӯҳлати манъи воридшавионҳо аз "рӯйхати сиёҳ" баровада шуданд ё не, маълумоти дақиқ гиранд. Ҳолатҳое ҳастанд, ки муҳоҷири меҳнатӣ чипта ба таёра харида ба Русия омадааст аммо дар сарҳад ба ӯ маълум мегардад, ки барояш вурудшавӣ баста аст ва ӯро ба хона бармегардонанд.

Мутаассифона, бисёр аз мушкилоти муҳоҷирони бозбаргашта ҳалношуда боқӣ мемонад. Новобаста аз он, ки барномаҳои кумаки Ташкилоти байналхалкии мухочирати Созмони миллали муттахид барои муҳоҷирони бозбаргашта (Тоҷикистон низ иштирокчии ин барнома аст), мавчуд аст, татбиқи он бо сабабҳои гуногун, аз ҷумла набудани корҳои иттилоотӣ ва фаҳмондадиҳӣ ва машварати муҳоҷирон дар Тоҷикистон амалӣ карда намешавад.

Тавре ки дар боло қайд кардем, тадкикоти саҳроии мо ба давраи огози мавсими аввали эпидемия (COVID-19) дар Россия рост омад ва аз ин сабаб марзҳо барои вуруд ва баромад ба кишвар баста буд, ин холат муқаррароти одии равандҳои муҳоҷиратро тағир дод ва боиси афзоиши шумораи бекорон дар Тоҷикистон гардид, ки вазъияти бозори меҳнатро, ки бе ин ҳам

мушкил буд боз хам бадтар кард. Аксарияти муҳоҷирони меҳнатӣ дар мавсими кории баҳору тобистона, вақте ки корхои сохтмонию сахрои-боғӣ оғоз меёбанд, ворид шуда натавонистанд. Ва қисми дигар (онҳое, ки ба ватан баргаштани буданд) аз корхои худ маҳрум шуданд. Тибқи маълумоти расмии Русия, 40% муҳоҷирони меҳнатӣ аз кор маҳрум гаштанд ва 35% -и дигарро корфармоён ба рухсатии бемузд равон карданд. Аксарияти муҳоҷирони меҳнатӣ аллакай патентро барои моххои оянда (пешакӣ) пардохт кардаанд, аммо корхонахо баставу худи онхо бекор ва дар натиҷа интиқоли пул ба Тоҷикистон кам гардид. Пешгӯӣ мешавад, ки барқароршавии иқтисодии сатҳи пеш аз бӯхронии (с 2014) Русия ба зудӣ барнамегардад, бинобар ин дар 2-3 соли оянда мо даври нави бозгашти муҳоҷирони меҳнатро ба ватан интизор ҳастем.

Бояд қайд кард, ки дар Тоҷикистон афзоиши аҳолӣ солона ба ҳисоби миёна 2-2,5% -ро ташкил медиҳад. Соли 2020 шумораи аҳолӣ ба 9,26 миллион нафар расид (ин нишондиханда соли 1990 = 5,4 миллион нафар буд (расми 3)). Имрузхо шумораи захираҳои меҳнатии кишвар ба 5,8 миллион нафар расидааст (60% аз шумораи умумии аҳолӣ). Боз 2 миллион нафар ё 33,3% -и дигар дар гурӯҳи синну соли наврасон мебошанд. Одамони аз синни болоии меҳнат, яъне. нафақахӯрон 700 ҳазор нафар ё 6,7%-ро ташкил медиҳанд [14]. Шумораи одамоне, ки дар ҷумҳурӣ кор мекунанд, 2,32 миллион нафарро ташкил медиҳад. Тибқи пешгӯиҳои СММ (бахши омузиши аҳолии [15]) соли 2023, аҳолии Тоҷикистон аз 10 миллион нафар зиёд хоҳад шуд. Ҳамин тариқ, ҳар сол Тоҷикистон ба бозори меҳнат 200 ҳазор нафар ҷавононро ворид менамояд, ки 90% -и онҳо берун аз ҳудуди ҷумҳурӣ кор меҷӯянд [2. с. 117].

Гарчанде ки ҳатто пеш аз пандемия, вазъи муҳоҷирони меҳнатӣ, ки ба ватан баргаштанд, хуб набуд, ки ин холат дар гузориши Кумитаи СММ оид ба ҳифзи ҳуқуқҳои муҳоҷирони меҳнатӣ ва оилаҳои онҳо (моҳи апрели соли 2019) инъикос ёфтааст. Кумита ба Ҳукумати Тоҷикистон тавсия додааст, ки барои татбиқи барномаҳои реинтегратсионии муҳоҷирони бозбаргашта, аз ҷумла бозомӯзии касбӣ ва таъмини онхо бо ҷойҳои корӣ, инчунин рушд ва ҳавасмандгардонии соҳибкорӣ дар байни муҳоҷирони баргашта чораҳо андешад. Кумита инчунин оид ба иҷрои тавсияи солҳои гузашта (CCPR / C / TJK / CO / 2, банди 4) ба Протоколҳои факултативӣ изҳори нигаронӣ кард ва набудани механизмҳои барасмиётдарориро кайд намуд ва тавсия дод, ки мақомоти Тоҷикистон на танхо ба таври расмӣ/қонунӣ, балки дар амал низ татбиқи пурраи ин Тавсияхоро ҷустуҷӯ кунанд (шиносоӣ бо матни пурраи хотимавии Ҳисоботҳо ва Мушоҳидаҳои гузориши сеюми даври оид ба Тоҷикистонро, дар сарчашма-адабиёт нигаред.[15]).

Дурнамои иқтисодии пешазбӯҳрони низ барои тиҷорати хурду миёна ва муҳити сохибкорӣ дар ҷумҳурӣ қонеъкунанда набуданд. Соҳибкорон аз гаронии андоз ва санҷишҳои зуд-зуд гузаронандаи мақомотхои гуногуни давлатӣ шикоят доранд. Мувофиқи индекси Бонки Ҷаҳонӣ (Doing Business), Точикистон имрузхо муҳити душвори соҳибкорӣ дорад [7. С. 104], ки ин холат ба муҳоҷирони нав бозбаргашта барои огози тиҷорати худ хамчун монеъ боқӣ мемонад.

Соли 2019 (ба санаи 01.10.2019) дар ҷумҳурӣ 553,1 ҳазор соҳибкори инфиродӣ ба қайд гирифта шудаанд, ки аз онҳо танҳо 293,4 ҳазор нафар воқеан фаъол буданд, яъне, 260 ҳазор соҳибкори инфиродӣ тиҷорати худро бастанд (аз маълумот AsiaPlus [13]). Дар давраи пандемия, дар нимсолаи аввали соли 2020, 12,6 ҳазор субъектҳои соҳибкорӣ (460 шахси ҳуқуқӣ (ширкатҳо, корхонаҳо) ва тақрибан 12,2 ҳазор соҳибкори инфиродӣ) фаъолияташонро катъ намуданд. Ин рақамҳо нишон медиҳанд, ки ҳатто беназардошти муҳоҷирати бозбаргашт, вазъи иқтисоди Тоҷикистон бад шудааст ва мардуми зиёд ҷойҳои кории худро аз даст доданд ва медиханд.

**Хулоса.** Дар натиҷаи тадкикоти гузаронидашуда маълум гардид, ки хангоми бозбаргашти муҳоҷирони мехнатӣ мушкилотхои зерин мавҷуданд.

Якум, муҳоҷирони механатии аз Федератсияи Русия ба Тоҷикистон бозбаргаштаро ба ду гурӯҳ тақсим кардан мумкин аст: **ихтиёрӣ баргаштагон** (1% аз шумораи умумии муҳоҷирони меҳнатиро ташкил медихад) ва мухочирони мехнатии **маҷбуран баргардонидашудагон** (1,5-2%). Шумораи онҳо нобаробар меафзояд: шумораи гурухи аввал ҳамасола 1% меафзоянд ва шумораи гурухи дуввум, вобаста ба сиёсати муҳоҷирати Русия ва кайфияти сиёсии ҳукуматдорон меафзоянд ё кам мегардад. Ҳарду гурӯҳ дар ватан бо мушкилоти иҷтимоию иқтисодӣ рӯ ба рӯ мешаванд. Гурухи аввал нафақа намегирад, гурухи дуввум аз сабаби нарасоии ҷои кор бенавоӣ мекунанд.

Дуюм, муҳоҷирати корӣ аз Тоҷикистон ба Русия тақрибан сӣ сол боз идома дорад. Баъзе аз муҳоҷирони меҳнатӣ, ки даҳсолаҳо дар Федератсияи Русия кор кардаанд, аллакай дар мухочират ба синни нафақа расидаанд, аммо онҳо на дар Тоҷикистон ва на дар Русия нафақа намегиранд. Ҳангоми бозгашт ба ватан, аксари муҳоҷирони баргашта наметавонанд кор пайдо кунанд, на нафақаи суғуртавӣ ва ё ягон кӯмаки дигар гиранд. Мушкилоти пардохти нафақа ба

муҳоҷирони механтии синнашон ба нафакарасида байни Ҳукумати Тоҷикистон ва Федератсияи Россия солҳои зиёд баррасӣ мешавад ва дар гумон аст, ки ба қарибӣ ҳал шавад.

Сеюм, хукумати Тоҷикистон наметавонад мушкилоти муҳоҷирони бозгаштаро ҳал кунад. Аксарияти муҳоҷирони бозгашта (90%) мустақилона мушкилоти иҷтимоию иқтисодии худро ҳал мекунад, онҳо, ё ба кӯмаки фарзандонашон (синни қобили меҳнат дошта) ё хешовандон муроҷиат мекунанд. Ҳукумати Тоҷикистон манфиатдори бозгашти муҳоҷирони меҳнатӣ нест, зеро афзоиши шумораи муҳоҷирони баргашта, вазъи иҷтимоию иқтисодии на танҳо баргаштагон (мутаносибан ба шумора), балки вазъи умумии бозори меҳнатро «бад» менамоянд.

Чорум, ҳукумати Тоҷикистон аз Русия афви нави ҳамаҷонибаи мухочиронро мехоҳад, аммо ин масъала чанд сол инҷониб ҳалли худро намеёбад. Сабаби тӯл кашидани музокирот ваъдаи вуруд шудан, аммо ворин нашудани Тоҷикистон ба Иттиҳоди гумрукии Иттиҳоди иқтисодии АвруОсиёи (ЕврАЭС) аст.

Панҷум, аксари талаботи шартномаҳои байналмилалӣ ва тавсияҳо оид ба ӯҳдадориҳои ҷумҳурӣ оид ба ҳимояи ҳуқуқи муҳоҷирони меҳнатӣ ва оилаҳои онҳо, тадбирҳои татбиқи барномаҳои реинтегратсияи муҳоҷирони бозгашта аз ҷониби Тоҷикистон иҷро карда намешаванд.

Барои ҳалли мушкилихое, ки раванди муҳоҷирати бозбаргашт ба вуҷуд меоянд, ба Ҳукумати Тоҷикистон зарур аст, ки фавран чораҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва дипломатиро амалӣ созад. Дар масъалаҳои афви муҳоҷирони меҳнатӣ шиддатнокии гуфтушунидҳо бо Русияро тақвият диҳад. Ҳамзамон диверсификатсияи бозорҳои меҳнатии муҳоҷиратро идома дода, самтҳои нав, шаклҳои мутташаккилтари муҳоҷирати меҳнатии хориҷиро идома додан зарур аст. Инчунин дастгирии иттилоотӣ ва дастрасии маълумотро барои муҳоҷирони меҳнатӣ, аз ҷумла оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ таъмин гардонида шавад.

## АДАБИЁТ


1. Консепсияи сиёсати муҳоҷират Федератсияи Русия то соли 2025 (Бо фармони Президенти Федератсияи Русия аз санаи 31 октябри 2018 № 622 тасдик карда шудааст)
2. Хонходжаев Ф.Т. Институциональные проблемы миграционной системы: сравнительный анализ Российской Федерации и стран Средней Азии // Наука.культура. Общество. № 1 2019 С. 112-121 URL: https://www.elibrary.ru/item.aspid=37166665
3. Бабаев А. А., Джуразода Т. Возвращение трудящихся мигрантов – граждан Республики Таджикистан: проблемы и новые вызовы. Душанбе, 2016 С. 41
4. Деловарова Л.Ф. Возвратная миграция в Центральной Азии: основные факторы и потенциал развития программ добровольного возвращения и реинтеграции в регионе // Наука. Культура. Общество. № 1. 2020. С. 6-16 URL: https://www.elibrary.ru/item.asp?id=42923606
5. Исматуллоев Б.И. Право на свободу передвижения и выбор места жительства в конституционном законодательстве Российской Федерации и Республики Таджикистан: сравнительный анализ // Юридические исследования. 2020 № 7 С. 42-53 DOI: 10.25136/2409-7136.2020.7.33207 URL:https://nbpublish.com/library_read_article.php?id=33207
6. Рязанцев С.В. Возвратная миграция: международные подходы и региональные особенности Центральной Азии. Международная организация по миграции (МОМ) – Агентство ООН по миграции. Алматы. 2020 С. 242
7. Хонходжаев Ф.Т. Оценка социально-экономических последствий миграции населения республики Таджикистан // Наука. Культура. Общество. 2019 № 3-4. С. 98-109. URL:https://elibrary.ru/item.asp?id=42834815
8. Ярошевич М. Казмеркевич П., Ирназаров Ф. и др. Возвратная миграция и вызовы в Центральной Азии: анализ рисков 2017 Астана. 2017 Международная организация по миграции. С. 68
9. Таджибаева М.Н., Азимова З.А. Миграционное поведение населения Таджикистана, и его эволюционная динамика // Вестник Таджикского государственного университета права, бизнеса и политики. Серия общественных наук. № 3 (72). 2017 С. 85–94.
10. Герасименко О. Рузномаи «Коммерсант». “Полёткорректность по-русски” 21.11.2011. https://www.kommersant.ru/doc/1816106
11. Юсуфзода М. «Зухуров: Таджикских мигрантов некоторые страны используют как инструмент давления". Радио Озоди. Санаи 22.11.2019. https://rus.ozodi.org/a/30286344.html
12. Рузномаи AsiaPlus. 18.04.2019. https://asiaplustj.info/news/tajikistan/society/20190418/pyatproblemtadzhikskih-trudovih-migrantov
13. Рузномаи«AsiaPlus». Санаи 22.10.2019 https://asiaplustj.info/ru/news/tajikistan/economic/20191022/v-tadzhikistane-zakrili-svoe-delo-260-tisyach-individualnih-predprinimatelei
14. Очонсии телеграфи «TAG news» санаи 01.11.2019. https://tajikta.tj/ru/news/v-tadzhikistane-chislo-pensionerov-priblizhaetsya-k-700-tys-chelovek

15. Маърӯзаи Комиссари Олии Дафтари СММ оид ба ҳуқуқи инсон. CCPR/C/TJK/CO/3* https://tbinternet.ohchr.org/_layouts/15/treatybodyexternal/Download.aspx?symbolno=CCPR/CTJK/CO/3&Lang=Ru
16. Аз баромади Асламбека Пескачев (аъзои Палатаи ҷамъиятии Русия, Сардори Конгресси халқҳои Кафказ, аъзои Шурои муносибатҳои байналхалқии назди президенти Русия, профессор, д.и.и.) рузномаи «Известия» аз санаи 28.04.2017 https://iz.ru/news/694817
17. Оставшихся в России в ЦВС граждан Таджикистана вернули на родину. Muhojir.info/01.06.2020 г. http://muhojir.info/news/1069

REFERENCES

1. The Concept of Migration Policy of the Russian Federation until 2025 (Approved by the Decree of the President of the Russian Federation dated October 31, 2018 № 622)
2. Farrukh T. Khonkhodzhaev. Institutional problems of the migration system: a comparative analysis of the Russian Federation and the country of Central Asia // Science. Culture. Society. № 1 2019 C. 112-121 URL: https://www.elibrary.ru/item.aspid=37166665
3. Babaev A.A., Jurazoda T. Return of working migrants - citizens of the Republic of Tajikistan: problems and new challenges. Dushanbe, 2016. P.41
4. Delovarova L.F. Return migration in Central Asia: key factors and development potential of the voluntary return and reintegration program in the region // Science. Culture. Society. № 1. 2020. P. 6-16 URL: https://www.elibrary.ru/item.asp?id=42923606
5. Ismatulloev B.I. The right to freedom of movement and the choice of place in the constitutional legislation of the Russian Federation and the Republic of Tajikistan: a comparative analysis // Legal research. 2020 № 7. P. 42-53 DOI: 10.25136 / 2409-7136.2020.7.33207 URL: https://nbpublish.com/library_read_article.php? Id = 33207
6. Sergey V. Ryazantsev. Return migration: international approaches and regional peculiarities of Central Asia. International Organization for Migration (IOM) - United Nations Agency for Migration. Almaty. 2020. P. 242
7. Farrukh N. Khonkhodzhaev. Assessment of socio-economic consequences of migration of the population of the Republic of Tajikistan // Science. Culture. Society. 2019 № 3-4. P. 98-109. URL: https://elibrary.ru/item.asp? Id = 42834815
8. Yaroshevich M. Kazmerkevich P., Irnazarov F. et al. Return migration and challenges in Central Asia: risk analysis 2017 Astana. 2017 International Organization for Migration. P. 68
9. Tadjibaeva M.N., Azimova Z.A. Migration behavior of the population of Tajikistan, and its evolutionary dynamics // Bulletin of the Tajik State University of Law, Business and Politics. Social Science Series. No. 3 (72). 2017. P. 85–94.
10. Gerasimenko O. The newspaper "Kommersant". “Polyetcorrectness in Russian” 21.11.2011. https://www.kommersant.ru/doc/1816106
11. Usufzoda M. "Zukhurov: Tajik migrants are used by some countries as a tool of pressure." Radio Ozodi. Date 22.11.2019. https://rus.ozodi.org/a/30286344.html
12. AsiaPlus Newspaper. Date18.04.2019. https://asiaplustj.info/news/tajikistan/society/20190418/pyatproblemtadzhikskih-trudovih-migrantov
13. AsiaPlus Newspaper. Date 22.10.2019. https://asiaplustj.info/ru/news/tajikistan/economic/20191022/v-tadzhikistane-zakrili-svoe-delo-260-tisyach-individualnih-predprinimatelei
14. Telegraph agency "TAG news" on 01.11.2019. https://tajikta.tj/ru/news/v-tadzhikistane-chislo-pensionerov-priblizhaetsya-k-700-tys-chelovek
15. Report of the UN High Commissioner for Human Rights. CCPR/C/TJK/CO/3* https://tbinternet.ohchr.org/_layouts/15/treatybodyexternal/Download.aspx?symbolno=CCPR/CTJK/CO/3&Lang=Ru
16. From the speech of Aslambek Peskachev (member of the Public Chamber of Russia, Chairman of the Congress of Peoples of the Caucasus, member of the Council on International Relations under the President of Russia, Professor, Ph.D.) https://iz.ru/news/694817
17. Remaining in Russia in the CVS, a citizen of Tajikistan returned to his homeland. Muhojir.info/01.06.2020 http://muhojir.info/news/1069